**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор
__________________ Усмонзода Аюб Ислом
“22” ноябри соли 2024.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзӯи “Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Муҳиммият ва зарурияти мавзӯи таҳқиқот**. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Норова Зарина Исломовна дар он ифода меёбад, ки дар шароити кунунии пешрафти илму техника, истеҳсолот ва муносибат ба он, зарур аст, ки сатҳи маърифатии аҳолӣ, бахусус насли наврас баланд бардошта шавад, зеро он самти асосии ташаккули инсони комилро муайян мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи муайяни баланд бардоштани таҳсилот ва дараҷаи маърифатии муҳасилини ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ба хусус баҳри ташаккули ҷаҳонфаҳмии насли наврас тамоми сайъу кӯшишҳояшро равона карда истодааст.

Дар ҳақиқат омӯзиши ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои илм ва амалияи муосири педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Эҷодиёти шифоҳӣ дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон дошта, онро бисёре аз муҳаққиқон эътироф кардаанд, ки воситаи муассир барои рушди кӯдакон мебошад. Эҷодиёти шифоҳӣ яке аз мавзуҳои барномаи таълимӣ буда, аз ҷиҳати имкониятҳои таълимии худ маҷмуи таҷрибаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мардум мебошад.

Масъалаи ташаккулёбии босамари ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони ватаниву хориҷӣ омӯхтаву баррасӣ шудаанд. Таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷиро таҳлили пурра намуда, муаллиф норасоиҳо ва ихтилофҳро ошкор намуда, муаммои таҳқиқотро муайян намудааст. Дар асоси муайян намудани муаммо масъалаи инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқро, ки мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст, пурра таҳқиқ намудааст.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян намудааст. Таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, саволномаҳо, гистограмаҳо) тасдиқ менамояд.

Норова З.И. бар он ақида аст, агар аз ҷониби омӯзгорон ва волидон дар муассисаҳои таълимӣ ва муҳити хонаводагӣ фароҳам овардани шароит барои омӯзиши фолклор имконият ба даст ояд, заминаи мусоид барои рушди ҷаҳонфаҳмӣ дар синну соли хурди мактабӣ ба вуҷуд хоҳад омад.

Дар боби аввали рисола: **“Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ”** номгузорӣ шуда, се фаслро дар бар мегирад. Ҷанбаҳои инфиродии ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар низоми таълиму тарбия ошкор гардида, масъалаи инкишофи ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагон муайян карда шуда, шартҳои асосии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва моделҳои муосири инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони хурдсол, пешниҳод шудааст.

Ҷаҳонфаҳмӣ рафтору амалҳои одамонро ба низом даровarда, зери таъсири идеологияҳои муайян ташаккулёфтан ва омили муҳимми бамиёноварандаю муайянкунандаи сифати ахлоқ ва муносибати инсон бо ҳаёт, бо талаботу ниёзҳои гуногуни худ, бо меҳнат, илму дониш, эътиқод ва дигар падидаҳои ҳаётии ӯ будан пурра ифода гардидааст.

Дар асоси дониш ва фаҳмиши хусусиятҳо, инчунин хусусиятҳои муассирӣ барои инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ модел таҳия карда шудааст, ки он робитаи мутақобилаи ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ – меёрӣ, ахлоқӣ – иродавии қавӣ ва амалиро, ки ба сохтори ҷаҳонфаҳмии шахсият ва натиҷаҳои ташаккули он дохил карда шудааст, нишон медиҳад, ки тавассути он мо метавон самарабахширо дар фаъолияти педагогӣ арзёбӣ намуд.

Дар боби дуюм бошад, дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, масъулияти якҷояи оила, мактаб, муҳит ва ҷамъият зарур будан таъкид гардидааст. Ҳамзамон зикр карда шудааст, ки дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ инчунин муҳит, гирду атрофи бевоситаи кӯдак, аҳли оила ва коллективи

дар он таълиму тарбия мегирифтаи ӯ, ғайр аз ин, шароити ҳаёти ӯ: хона, хӯрок ва ҷиҳозҳои хона низ таъсири мусбӣ доранд.

Муаллифи рисола андешаронӣ намуда, қайд кардааст, ки эҷодиёти шифоҳии халқ, махсусан афсонаҳо василаи боэътимод дар ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ, башардӯстӣ, инсонпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад. Афсонаҳо дар ҳама давру замон, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҳаёти маънавии халқ барои тарбияи ҷавонон ва васеъ намудани донишу ҷаҳонфаҳмии онҳо, дар мубориза бар зидди баъзе боқимондаи урфу одатҳои куҳнаи феодалӣ, ки дар он замон ҷонсахтона умр ба сар мебурд, аҳамияти калон дошт.

Дар фасли сеюми боби дуюми рисола муаллиф таъкид медорад, ки мувофиқи таҳқиқотҳои мавҷуда эҷодиёти шифоҳии халқ, ки заминаи ибтидоии фаҳму дарки тафаккур ва ҷаҳонфаҳмӣ мебошад, барои машқ додани амалҳои фикрӣ ва рушди ҷаҳонфаҳмии васеъ мусоидат менамояд. Кӯдакон ба воситаи дониши азхудкардаи эҷодиёти шифоҳӣ ва ҷаҳонфаҳмии волидон ва маҳорати педагогии омӯзгорон ба омӯзиши бахшҳои гуногун машғул шуда, дар ин замина, дониш ва тафаккури онҳо инкишоф ёфта, ҷаҳонфаҳмиашон равнақ меёбад.

Муаллиф таъкид медорад, ки инкишофи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагон раванди тӯлонӣ ва гуногунҷабҳа буда, натанҳо аз сатҳи гуногуни азхудкунии дониш ва сатҳи мувофиқи рушди ақидаҳо, эътиқодҳо ва идеалҳо, балки ба хусусиятҳои синну соли хонандагон низ вобаста мебошад. Он табиатан аз ташаккули соддатарин унсурҳои марбут ба ақидаҳои ҷаҳонфаҳмӣ дар мактаббачагони хурдсол оғоз мешавад, ки баъдан бо синну сол инкишоф меёбад ва мураккабтар мегардад.

Дигаргуниҳо ва рушди сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ташаккулёбии иҷтимоии кӯдакон таъсир мерасонад ва ҳамчунин, тағйирот дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ва фарқияти тарзи ҳаёти гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ низ омилҳои асосие мебошанд, ки ба ҷаҳонфаҳмии кӯдакон таъсири манфӣ ва ё баракс мерасонанд. Талабот, муносибатҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, ки дар кӯдакон ташаккул меёбанд, лаҳзаҳои бунёдии ташаккули пояҳои ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди иҷтимоиёти ӯ мебошанд. Кӯдакон дониши ибтидоии илмиро дар бораи ҷаҳон, дар бораи падидаҳои табиат ва ҷомеа дар раванди сохтори ҷамъиятӣ мегиранд, ки ҷаҳонфаҳмии онҳоро ташаккул медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия **“Омилҳои асосии инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба воситаи эҷодиёти**

**шифоҳии халқ дар раванди таълим**” унвон гирифта, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби дуюм “**Низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим”** номгузорӣ шуда, таъкид гардидааст, ки дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, масъулияти якҷояи оила, мактаб, муҳит ва ҷамъият зарур мебошад.

Ташкили дурусти чараёни таълиму тарбия ва ба ҳаракат даровардани ҳамаи унсурҳои он дар муҳити таълим имконият медиҳад, ки фаъолити омӯзгорон, волидон ва аҳли ҷамъият ба ҳалли инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон сафарбар карда шавад. Дар муайян кардани ҷаҳонфаҳмӣ андешаҳои гуногун миёни олимон, аз ҷумла Раҳимов Х., Нуров А., Юнусов Й., Шомуродов Х.Р. Мошанский В.Н., Спиркин А.Г., Черноволенко В.Ф., Залесский Г.Е. ва ғайра мавҷуданд, аммо ҳамаи онҳо дар бораи арзёбии аҳамияти ташаккули ҷаҳонфаҳмии шахс, ки тавассути раванди таълим амалӣ мешавад, ҳамақидаанд.

Дар низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии кӯдакон оила, мактаб, ҷамъият ва муҳити таълим дуруст ба роҳ монда шавад, ин раванд самараи бештар медиҳад. Таълиму тарбия дар мафкураи мардуми мо, пеш аз ҳама, ташаккул додани қобилияти мадании кӯдакон ба ҳисоб меравад, ки бо ин васила метавон ҷавҳари ақлонӣ ва ҷаҳонфаҳмии онҳоро низ таҳким бахшид.

Фасли дуюми боби дуюм, ки “**Асосҳои таълим ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ**” номгузорӣ гардидааст, воситаҳои муҳимми таълиму тарбия ва инкишоф додани ҷаҳонфаҳмии кӯдакон тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ таҳлил шудааст.

Дар робита бо ин оинномаи ахлоқӣ талаб менамояд, ки наврасонро дар роҳи ягонагиву рафоқат, омӯзишу меҳнатдӯстӣ, ростқавливу худшиносии миллӣ тарбия намоем, зеро таълими ибтидоӣ заминаи муҳимтарини ташаккули шахсият ва таҳкурсии устувори минбаъдаи омӯзиши онҳо мебошад. Ҳамаи ин аломатҳо, муҳимтарин характери инсон ва қадри он дар эҷодиёти шифоҳии халқ ба таври равшан ва барҷаста ифода ёфтааст. Бунёди эҷодиёти шифоҳиро шеърҳову чистонҳо, қиссаҳову афсонаҳо, латифаву ривоятҳо ва ғайра ташкил медиҳанд, ки дар таълим ва такомули нутқ, зеҳн, тафаккур ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши муҳим мебозад. Эҷодиёти шифоҳии халқ кӯдаконро ба хислату характери миллӣ, равиши зиндагӣ ва урфу одати ҷамъият, хусусияти забонӣ ва инчунин ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият шинос менамояд.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, накша - барномаҳои таълимӣ - тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиқкорона мавриди омӯзиш ва таҳил қарор додааст.

- **Навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои илмӣ - назариявӣ ва методологии, роҳу усулҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти хонандагон ҳангоми омӯзиши таҳқиқоти васеътару муфассал дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ баррасӣ гардид;

- мазмун ва инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълим асоснок ва муайян гардид;

- низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол дар муҳити таълим муайян ва пешниҳод карда шуд;

- таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳӣ дар самти рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор ва асоснок гардид;

- амсилаи муносиби ҳамкории мутақобилаи оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон илман асоснок карда шуд.

- Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Норова Зарина Исломовна барои тафаккури хонандагон таъсир мерасонанд, балки онҳо барои ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар илми педагогика роҳ мекушоянд;

- таҳқиқи муҳити атроф, оила ва мактаб ва таъсиру нуфузи он ба ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, барои ошкор намудани қонуниятҳои инкишофи илми педагогика дар замони муосир мусоидат менамояд;

- моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонфаҳмӣ дар низоми таълиму тарбия раванди мураккаб буда, ҷанбаҳои инфиродии он бо назардошти робитаи ҳамдигарии ҷузъҳои асосӣ баррасӣ ва ошкор мегарданд;

- инкишофи ҷаҳонфаҳмии амиқ ва ҳамаҷонибаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки ҳамчун дараҷаи дарки инсон, аз ҷумла системаи маърифатӣ, афкор, эътиқод ва ифодаи муносибати ӯ ба табиат ва рушди иҷтимоӣ мебошанд, муайян карда мешаванд.

Аҳамияти назарии таҳқиқоти мазкур дар он ба назар мерасад, ки атрофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон ва қонуниятҳои зуҳури инкишофи

ҷаҳонфаҳмӣ дар илми педагогикаи тоҷик андешаҳои назарии қобили мулоҳиза пешниҳод мегардад. Натиҷагириҳои илмии он барои хулосабарориҳои назарӣ атрофи қонунмандиҳои умумипедагогии ҷаҳонфаҳмӣ дар заминаи адабиёти шифоҳӣ, аз ҷумлаи жанри ҳикояву афсона, шеъру зарбулмасалу мақол, чистону тезгӯяк замима фароҳам сохта, барои муҳаққиқони баъдӣ метавонад ҳамчун замина хидмат намояд.

Натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд. Илова бар ин, метавон муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни факултаҳои педагогика ва психологияи ҷумҳурӣ тадрис намуд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба:

*банди 3* –Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;),

банди 4. - Назарияҳо ва консепсияҳои таълим (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан; фардикунонӣ ва фарққунии таълим; намудҳо ва моделҳои таълим, ҳудуди татбиқи онҳо; технологияҳои таълимӣ; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ ва методии раванди таълим ва воситаҳои таълим; хусусиятҳои таълим дар сатҳҳои гуногуни таълим);

*банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Норова Зарина Исломовна дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсилаи роҳҳои гуногуни гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия карда шуда, оид ба натиҷаи он хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки тавассути озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсилаи роҳҳои мухталифи истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд.

**Дараҷаи асоснокунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумот аз сарчашмаҳои боэътимоди гуногун бадастомада, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва ниҳоят дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

**Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ, фаъолияти таҷрибавӣ - озмоишӣ оид ба мавзуъи таҳқиқот ба анҷом расидааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ . Аз рӯйи мавзуи диссертатсия бо теъдоди 15 мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 номгӯйи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

Дар диссертатсия муқаррар карда шудааст, ки ҷорӣ намудани инкишофи ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагон дар низоми таълиму тарбия барои илми педагогика ҳамеша бо талаботе, ки ҷомеа дар назди тарбия

мегузорад, пайванди ногусастанӣ дорад. Аммо дар айни замон, он бояд дар самти фароҳам овардани шароити мувофиқе, ки ба пуррагии фаҳмиши шахс дар бораи олами атроф мусоидат мекунад, ҳал карда шавад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баёншудаи унвонҷӯй Норова Зарина Исломовна ва боэътимоду аз нигоҳи илмӣ асоснокaнд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикррони қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мутобиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардида, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмӯъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи асосҳои педагогии инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо як усусли хос бо овардани санадҳои мӯътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо кардааст. Ҳамчунин, зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ андешаи шахсии худро низ баён кардааст.

Хулоса, тадқиқоте, ки Норова Зарина Исломовна ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми педагогика боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори тадқиқотии Норова Зарина Исломовна дар мавзӯи “Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ”

тадқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзӯи диссертатсия мебошад.

Эродҳо **ба кори диссертатсионӣ:** Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия бархе норасоиву кабудиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Хусусиятҳои истифодаи технологияи рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ дақиқ шарҳ дода шавад.
2. Хуб мешуд, фарқияти модели тартибдодаи муаллиф аз дигар моделҳои амалкунанда нишон дода мешуд.
3. Дар тарроҳии техникии кори диссертатсионӣ хатоҳои ҷузъӣ дида мешаванд.

Бояд зикр кард, ки норасоиҳои зикршуда арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд, ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Камбудӣ ва костагиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

**диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзӯи “Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)** ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, тадқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзӯи диссертатсия мебошад.

Муаллифи диссертатсия – Норова Зарина Исломовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда аст.

Тақриз аз тарафи ду нафар экспертон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсентон Раҳмонов Зикриё Пулатович ва Кучибоев Шуҳрат Икромович мураттаб шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” 22 – уми ноябри соли 2024, протоколи №4, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Норова Зарина Исломовна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 20 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” - нест.

**Раиси ҷаласа**:
мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров”, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент ______________Вализода Ш.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
__________________Раҳмонов З.П

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
__________________Кучибоев Ш.И

**Котиби илмии ҷаласа:**
Муаллимаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
__________________Ғафорова С.П

Имзои дотсентон Вализода Ш., Кучибоев Ш.И.,
Раҳмонов З.П ва Ғафорова С.П - ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик
Б.Ғафуров” __________________Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи муассисаи пешбар**
Нишонӣ: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков, 1;
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
Тел: (992-3422) 6-52-73; (+992) 92 -778-26-40.
E-mail: rector@hgu.tj; kuchiboev1975@mail.ru, www.hgu.tj,
“_22_” _11_ соли 2024.